# ҚАРОРИ
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**аз 23 сентябри соли 2025** **ш. Душанбе**

Суханронии Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик), тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, тақриз ва баромадҳои муқарризони расмӣ: - доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Ҳотамов Намоз Басарович, номзади илмҳои таърих, дотсент, сардори раёсати таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадзода Убайдулло Давлат, муқарризони ғайрирасмӣ - узви шуро, д.и.т., проф. Абулҳаев Р., узви шуро, д.и.т. Қурбонзода Х., узви шуро, д.и.т. Абдуллоев М., узви шуро, д.и.т. Тиллоев С.С., узви шуро, д.и.т. Қурбонова Ш.И. -ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;
3. Ба Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои таърих ба Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунем, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор-14 нафар. Муқобил -нест. Бетараф-нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих — Бобоев Х. Ю.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси таърих — Мирзоев Ш.Ҷ.

“23” 08 соли 2025